«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
_______________________________
«___» _______________ 2024 с.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба иҷро расонидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович докторанти фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) -и кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович солҳои 2018-2021 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент), дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

**Роҳбари илмӣ** Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Тибқи қарори Шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23-юми ноябри соли 2018 суратмаҷлиси №3 мавзуи диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович бо номи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)» тасдиқ гардидааст.

Мавзуи диссертатсияи илмии Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ» -и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12 -уми марти соли 2024, суратмаҷлиси №8 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)». Яке аз муаммоҳои муосири илми иқтисоди ҷумҳури маҳсуб ёфта ҳамзамон бо забони илмии тоҷикӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Аз тақризу

муҳокимаҳо бар меояд, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи илмӣ иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти диссертсионӣ асосноккунии мукаррароти назариявии рушди шаклҳои шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсия дар асосноккунии мукаррароти назариявии рушди шаклҳои шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии кишвар хулоса мешавад. Мукаррароти зерин аз хусусиятҳои навгонии илмӣ бархурдор мебошанд:

– ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бо назардошти ба низом даровардани шаклҳо, самтҳо ва шаклҳои шарикии корхонаҳои истеҳсолӣ, таъминкунандагон, муассисаҳои тиҷоратӣ ва илмӣ, ки ҳадафи асосии онҳо ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд ва таъмини самараи синергетикӣ мебошад, мушаххас карда шудаанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар муҳити дохилӣ ва берунӣ ва суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ дар заминаи фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, мусоидат мекунад;

– принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷамъбандӣ гардиданд, ки имкон доданд меъёрҳо, нишонаҳо, омилҳо ва шароити густариши шарикии стратегӣ дар ҷаҳони муосир муайян карда шавад. Таърифи муаллифи мафҳуми шарикии стратегӣ ҳамчун якҷояшавии ду ё зиёда ташкилотҳо дар асоси шартнома (созишнома) ё бо роҳи таъсиси сохтори нави ташкилӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддати мутақобилан судманд, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии шарикони стратегӣ ва такмили равандҳои сармоягузорӣ, таҳкими иқтидори инноватсионӣ ва содиротии онҳо дар баробари нигоҳ доштани истиқлолияти ҳуқуқӣ ва иқтисодиашон равона шудааст, дода шудааст;

– ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардид, ки имкон дод авомили муассир ба инкишофи бахши саноат, мушкилот ва монеаҳои рушди он бо тавашшуҳ ба истифодаи ғайрисамараноки принсипҳои асосии шарикии стратегӣ, ошкор карда шавад. Дар ин замина моделсозии омилҳои муассир ба фазои касбу кор бо меҳварияти омили тағйирёбандаи «шарикии стратегӣ» дар асоси усули таҳлилӣ омилӣ муҳосиба шудааст, ки рутбаҳои омилҳои таъсиррасонро ба шарикии стратегӣ дар муҳитӣ фазои касбу кори кишвар инъикос менамояд;

– ба низом даровардани мушкилот/дастовардҳо ва дурнамо/оқибатҳои густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ҳамчун заминаи ҳамкории мутақобилан судманд, ки ба ташаккули шароити мусоид барои рушди шаклҳои гуногуни шарикии стратегии байни корхонаҳои саноатӣ, мусоидат менамояд;

– мушкилот/комёбиҳо ва дурнамо/оқибатҳои густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа чун заминаи ҳамкориҳои дуҷониба дастабандӣ шудаанд, ки ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди густариши шаклҳои мухталифи шарикии стратегӣ дар бахши саноат мусоидат менамоянд;

– самтҳои асосии таҳкими шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷӯҳ ба коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи минбаъдаи корхонаҳои муштарак дар заминаи татбиқи мутавозини маҷмуи чорабиниҳои рушду инкишофи муҳити ниҳодӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии фаъолияти онҳо пешниҳод гардидаанд, ки имкон медиҳад, ки ба фаъолияти сармоягузории онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ/воридивазнкунанда суръат бахшида шавад;

– модели иқтисодию риёзии ташаккули кластерҳо дар бахши саноат дар асоси рушди шарикии технологӣ байни корхонаҳо таҳия карда шудааст, ки ҷиҳати расидан ба натоиҷи зерин мусоидат мекунад:

✓ фароҳам оварадани шароити мусоиди шарикии технологӣ ҳамчун асоси кластеризатсияи корхонаҳои саноатӣ;

✓ фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ дар самти истифодаи самараноки иқтидори табии минтақаҳои кишвар дар шароити ташкили кластерҳо;

✓ ташаккули нерӯи кадрӣ дар бахши саноатии иқтисодиёт, ки қобилияти идора кардани кластерҳоро доро мебошад, муайя карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсиониро довталаб мустақилона анҷом додааст. Муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф шахсан таҳия карда шудаанд. Муаллиф падидаи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба шарикии иқтисодии корхонаҳоро таҳқиқ намуда, ҷанбаҳои назариявии рушди шаклҳои шарикии стратегиро барраси намудааст, принсипҳо ва омилҳои асосии рушди шаклҳои шарикии стратегиро дар шароити ҷаҳонишавӣ ошкор ва дар ин самт омилҳои асосии рушди шарикии стратегиро муайян намудааст, тавсеаи шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаро асоси ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои саноат арзёбӣ намуда, роҳҳои густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатиро дар шакли таъсис ва рушди муштараки корхонаҳои саноатӣ асоснок ва пешниҳод намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалиии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои ба дастомада метавонанд назарияи менеҷменти корхонаҳои саноатиро дар шароити густариши равандҳои ҳамгироӣ бо ширкатҳои хориҷӣ ғанитар гардонанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро инчунин метавон дар коркарди стратегияи давлатии рушди корхонаҳои саноатӣ, такмили низоми ниҳодҳои танзимкунандаи фаъолияти бурунмарзии корхонаҳои саноатӣ истифода бурд. Ҳолатҳои асосноккардашуда ва хулосаҳо метавонанд дар фаъолияти қонунбарорӣ бо мақсади амалигардонии стратегияи дарозмуддати барномаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ самаранок истифода шаванд.

Тавсеаҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мукаммалгардонии курсҳои омӯзишии «Менеҷмент», «Менеҷменти стратегӣ» «Асосҳои бизнеси байналхалқӣ», «Фаъолияти иқтисодии берунмарзии корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат» ва ғ. истифода шудаанд.

**Усулу тарзҳои асосии таҳқиқот инҳоянд:** хулосабарории назариявӣ ва таҷрибавӣ, гурӯҳбандии оморӣ, мантиқи – ҳисобӣ, таҳлили шохисӣ ва функсионалӣ – сохторӣ, таҳлили регрессионӣ – коррелятсионӣ, усули таҳлили графикӣ ва инчунин усулҳои системавӣ, функсионалӣ – сохторӣ ва баробаркунӣ, таҳлили иқтисодӣ – риёзӣ ва омори иқтисодӣ.

**Асосҳои методии таҳқиқотро** принсипҳо ва усулҳои такмили механизмҳои ҳавасмандкунӣ ва тавсеаи шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисоди хурди кушод ташкил медиҳанд. Методи таҳқиқот истифодаи равиши диалектикии ташаккул ва татбиқи сиёсати саноатӣ, усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, моделсозии математикӣ, инчунин таҳлили стратегии рушди корхонаҳои саноатиро дар бар мегирад, ки дар асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ таҳия шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:** Навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуктаҳои илмии назариявии зерин ифода мeёбад, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

– механизми ташаккулёбӣ ва инкишофи шарикии стратегӣ чун алоқамандии аносири умдаи он (принсипҳои асосӣ, шаклҳо ва самтҳои ҳамкорӣ, усулҳои баҳамоӣ) дар заминаи таъмини оқилонаи алоқамандии омилҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории баҳамоии шарикон дар бахши саноат;

– принсипҳои асосии ташкил ва пешбурди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва омезиши фарҳангҳои мухталиф, ки зарурати инкишофи фазои иттилоотиро бо таваҷҷуҳ ба густариши бемайлони иқтисодиёти рақамӣ ба миён меоварад ва аҳамияти барқарор намудани робитаҳои мутақобилан судмандро байни ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар ростои таъмини рақобатпазирӣ ва эҷоди самараи синергетикӣ асоснок менамояд;

– модели баррасии омилҳои муассир бар густариши шарикии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси усули таҳлили омилӣ муҳосиба шуда дараҷаи таъсири омилҳои фазои касбу корро ба раванди густариши шарикии стратегӣ бо таваҷҷуҳ ба радабандӣ намудани омилҳои хеле муассир ва камтаъсир нишон медиҳад;

– алгоритми коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи корхонаҳои муштарак, ки пайдарпайии барномарезӣ ва дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатиро дар самти вусъат бахшидан ба фаъолияти корхонаҳои муштарак чун самти афзалиятноки шарикии стратегӣ бо таваҷҷӯҳ ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос менамояд;

– маҷмуи пешниҳодҳо, ки ба кластерикунонии бахшҳои афзалиятноки саноати кишвар бо таваҷҷӯҳ ба фаъолнамудани сохторҳои илмиву таълимӣ дар самти густариши шарикии стратегӣ, равона карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот мутобиқ Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050701 - менеҷмент) иҷро гардида, бо бандҳои зерин мувофиқат менамояд: 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.15. Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии ҳамшарикӣ. Муҳтаво ва методҳои назорати стратегӣ. Стратегияҳои корпоративӣ, муносибсозии андозаи ширкат ва ҳамгироии амудӣ, стратегияҳои гуногунсозӣ (диверсификатсия). Ташаккул ва идоракунии занҷираҳои офаридани арзиш. Рақобатпазирии бизнес. Ташкил ва нигаҳдории салоҳиятҳои калидӣ. Захираҳои стратегӣ ва қобилиятҳои ташкилотии ширкат; 10.16. Идоракунии ташкилот дар қаринаи бизнеси байналмилалӣ. Ташкил ва идоракунии ширкати байналмилалӣ. Бизнес-стратегияҳои байналмилалӣ. Паймонҳои байналмилалӣ ва шабакаҳои ширкатҳо. Якҷояшавӣ ва фурӯбарӣ дар бизнеси байналмилалӣ. 10.17. Идоракунии корпоративӣ. Шакл ва методҳои назорати корпоративӣ.

**Давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот**. Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2018-2024 таҳия гардидааст.

Тамоми он навгониҳое ки дар диссертатсия ворид гардидаанд ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар яккамуалифи ва ҳаммуалифӣ) нашр гардидааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷалаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд. Дар умум 14 мақолаи илмию-назариявӣ ба чоп расонида шудааст.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.**

**[1-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Такмили механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ [Матн] А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 119-128. ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Асосҳои назариявии мукаммалгардонии муҳити институтсионалии инкишофи корхонаҳои муштарак [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 66-72. ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Самаранокӣ ва маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, С.А. Деҳқонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 199-203. ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Арзёбии умумии инкишофи бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷӯҳ ба густариши шарикии стратегӣ [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, З. Қосимова // Идоракунии давлатӣ, Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №4/2 (49). – С. 63-77. ISSN 2664-0651.

**[5-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, Д.А. Ҳодиев, Ҳ. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 87-93. ISSN 2413-5151.

**[6-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, Э. Миршарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.– Душанбе, 2020. – №1. – С. 152-157. ISSN 2413-5151.

**Б) Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд.**

**[7-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Тамоюлҳои асосии рушди корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев, А.З. Ҳафизов, С.А. Деҳқонов, С.М. Ҳайдаров, // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – Рашт, 2020. – № 2 (2). – С. 78-84.

**[8-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Принсипҳои асоси ва авомили массир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Маводи конференсияи байналҳалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи ҳориҷӣ ва миллӣ» (ш. Душанбе, 13 октябри соли 2020). – С. 583-587.

**[9-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Захираҳои иттилоотии корхонаю ташкилотҳо [Матн] // А.С. Маҳмадуллоев / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Равишҳои стратегии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ», (ш. Душанбе, 5 апрели соли 2019). – С.131-134.

**[10-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Вазъи муосир [Матн] // А.С. Маҳмадуллоев, А. Абдуллозода / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию-назариявӣ дар мавзӯи «Танзими андозию буҷетии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шраоити муосир» (ш. Душанбе, 22 апреля 2019). – С.163-170.

**[11-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Назаорати молиявӣ: нақш, мақом ва шаклҳои он дар идоракунии иқтисодиёт [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Маводи конференсияи илммӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Идоракунии стратегӣ ва таъмини самаранокии захираҳои энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 6 декабри соли 2019). – С.164-166.

**[12-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Системаи иттилоотӣ, иқтисодӣ - бахши муҳимми фаъолияти идоракунӣ [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ, илиӣ – назариявии «Меъроси ниёгон, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», (Душанбе, 27 – уми апрели соли 2019). – С.214-217.

**[13-М].** Махмадуллоев, А.С. Земельный налог – основной рычаг финансового регулирования в современных условьях (на материалах Раштского района Республики Таджикистан) [Текст] / А.С. Махмадуллоев, Ё.А. Саторов // Журнал Научное знание современности, Международный научный журнал Выпуск – №4. –Казань, 2019. – С.26-32. ISSN 2541-7827

**[14-М].** Маҳмадуллоев, А.С. Нақши саёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат [Матн] / А.С. Маҳмадуллоев // Маводи конференсияи илмию назариявӣ «Истиқлолият дастоварди бузурги миллати тоҷик». – Рашт, 5-уми сентябри соли 2018. – С. 190-198.

**ҚАРОРИ ҶАЛАСАИ КУШОДИ КАФЕДРАҲОИ МЕНЕҶМЕНТ ВА МАРКЕТИНГ ВА ИҚТИСОДИЁТИ КОРХОНАҲО ВА СОҲИБКОРИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

1. Диссертатсияи илмии Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050701 - Менеҷмент), пешниҳод гардидааст, ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи илмии Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент), пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсиони 6D.КОА -004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои баррасӣ тавсия карда шавад.

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг вогузор карда шавад.

Дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ» -и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (с/м №8, аз 12.03.2024) иштирок намуданд: – 29 нафар. Ҳуқуқи овоздиҳӣ дошт: – 21 нафар. Барои пешниҳод ба Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) овоз доданд: тарафдор – 21 нафар; зид – нест; бетараф – нест.

**Раисикунанда:**
н.и.и., дотсент мудири кафедраи
менеҷмент ва маркетинги
факултети иқтисод ва идораи ДМТ **Қ.А. Содиқов**

**Котиб:**
ассистенти кафедраи
менеҷмент ва маркетинги
факултети иқтисод ва идораи ДМТ **Б.С. Файзуллоев**

Имзои Содиқов Қ.А. ва
Файзуллоев Б.С. -ро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ -и
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
«28» 03 20__ с. **Э.Ш. Тавқиев**